Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД ҶТ
(734024, ш. Душанбе, куч. Мастонгулов – 3)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Тафтишоти ҷиноят яке аз фаъолиятҳои махсуси бахши иҷтимоӣ буда, мақсади асосии тафтишот мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки он дар ҳалли пайгиронаи як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқаманд (ошкор кардани ҷиноят, фош кардани ҷинояткорон, ошкор намудани тамоми ҳолатҳои ҷиноят, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон) ифодаи худро меёбад.

Муаллифи рисола дуруст зикр мекунад, ки дар назди муфаттиш ҳангоми санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вазифаҳои иловагии тактикӣ ба миён меоранд. Ин вазифаҳоро ба таври зайл метавон овард: барқарорсозии робитаҳои коммуникатсионӣ (гуфторӣ) бо шахси тафтишшаванда, ки забони мурофиаро намедонад ва ё ба таври зарурӣ бо он ҳарф зада наметавонад; назорати ҳамкориҳо ҳангоми маълумотдиҳӣ миёни тарҳумон ва шахсе, ки нишондодаш санҳида мешавад; андешидани чораҳои мурофиавӣ ва истифодаи усуле, ки ба нигаҳдошти мазмуни маълумот нигаронида шудаанд. Дар раванди гузаронидани амали тафтишӣ бояд ҳолати равонии шахси нишондодҳояш санҳидашавандаро ба инобат гиранд ва дар ин асос рафтори ӯ ва паёмадҳои ҳолати тафтиширо пешгӯӣ карда тавонанд. Фаҳмидани ҳолати шахси тафтишшаванда аз ҳониби муфаттиш, пеш аз ҳама, ба ошкор намудани ангезаҳои рафтори ӯ, ки ба бошуурона ва бешуурона тақсим мешаванд, вобаста аст. Сабабҳои онро тавассути усулҳои шифоҳӣ, дар он

вақте ки шахс сабаби амали худро ҳангоми санҷиши нишондод дар ҷойи худ озодона фаҳмонад, метавон муайян кард. Агар аз ҷониби шахс ҳараёни воқеии ҳодиса пинҳон дошта шавад, дар ин маврид аз усули мушоҳидаи рафтори шахси тафтишшаванда бештар бояд истифода бурд. Ҳангоми мушоҳида ба эҳсосу амалкарди ин шахс бештар диққат додан зарур аст. Агар ба мақсадҳои дарпешгузошта расида шавад, пас эҳсоси шахсеро, ки санҷида мешавад, метавон мусбат ҳисобид. Тайёрии ҳамаҷониба ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ, дақиқ омӯхтани шахсияти пурсишшаванда, донистани хислатҳои инфиродии ӯ дар ҳолатҳои тафтишие, ки ҳангоми санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ба миён меоянд, усули самарабахш дар ин навъи тафтишоти ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзу ба таври мантиқӣ ба муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҳаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (Маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд. Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, балки қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ ва амалияи онҳо низ истифода бурдааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе эродҳо пеш овардан мумкин аст: масалан дар зербоби дуюми боби авал муаллифи рисола зикр мекунад, ки дар айни замон, ҳангоми баррасии мақсади санҷидани нишондод дар ҷойи ҳодиса, ки дар моддаи 207-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ моҳияти он нопурра нишон дода шудааст: «Нишондоди гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳид мумкин аст дар ҷое, ки ба ҳодисаи тафтишшаванда вобаста аст, барои муқаррар намудани маълумоти нави воқеӣ, нишон додани хатти сайр ва ҷойҳое, ки амали тафтишшаванда содир карда шудааст, ҳамчунин барои муайян намудани эътимоднокии онҳо бо роҳи муқоиса бо вазъи ҳодиса тафтиш ё аниқ карда шаванд». Ин нуқтаи назари муаллиф баҳсбарангез буда аз муаллифи рисола хоҳиш ба амал оварда

мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин нуқтаро асосонок намояд. (саҳифаи нуқтаи эрод нест )

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Аҳмадзода М.С., дар мавзуи: «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиноси аз руйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А,

Имзои Миралиев С.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
07.05.24

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.: +992 (37) 234-88-24
Факс. +992 (37) 234-88-02
Email: miraliev01@yandex.ru
www.iutet.tj